# ХУЛОСАИ НИҲОИИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № _____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 17.09.2022, № 13

Барои сазовор донистани Ғафуров Зоир Саъдуллоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология.

Диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2022, таҳти №90/шд) 31 майи соли 2022, суратмаҷлиси №5 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ғафуров Зоир Саъдуллоевич 5-уми майи соли 1989 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2015 зинаи бакалавр, соли 2017 зини магистри факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро хатм намудааст. Соли 2018 ба ҳайси унвонҷӯ таҳқиқоти илмии худро дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода бурда, имтиҳоноти минимуми номзадиро бо баҳои аъло супоридааст. Ғафуров Зоир Саъдуллоевич солҳои 2015-2018 муовини декан оид ба тарбияи факултети забонҳои Шарқ, солҳои 2018-2020 масъули бахши таҳия ва кор бо грантҳои хориҷӣ ва солҳои 2020-2022 дар вазифаи декани факултети забонҳои Осиёи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолияти меҳнатӣ намудааст. Айни ҳол директори Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи филологияи англиси Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе Мухторов Зайнидин Мухторович.

**Муқarrизони расмӣ – Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, **Туйғунов Носир Ҳақбердиевич** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсия ва автореферат тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии донишгоҳи мазкур, номзади илми филология, дотсент Муродов Б.Р. ва устодони кафедраи мазкур – номзадони илми филология, дотсентон Гулмадшоев Ш.Ш. ва Гулямов Ҳ.Қ., котиби илмии валаса Маҳсудинов Р.И бо имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. **Ғафуров, З.С.** Сленги компютерӣ - қабати нави лексика дар забони тоҷикӣ ва роҳҳои ташкили он [Матн] / З.С. Ғафуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе 2020. – №7. – С.54-58. ISSN 2413-516X.

[2-М]. **Ғафуров, З.С.** Сленги бозиҳои компютерӣ ва тарҷумаи он аз забони англисӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ [Матн] / З.С. Ғафуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. Душанбе – 2020. – №8. – С.67-71. ISSN 2413-516X.

[3-М]. **Ғафуров, З.С.** Сленги компютерӣ ва роҳҳои ихтисоршавии онҳо дар раванди муошири интернетӣ дар забони англисӣ [Матн] / З.С. Ғафуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе – 2021. – №1. –С.34-39. ISSN 2413-516X.

[4–М]. **Ғафуров З.С.** Ташаккули лексикаи технологияи иттилоотӣ ва компютерӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / З.С. Ғафуров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. Душанбе – 2021. – №5. – С.94-100. ISSN 2413-516X.

[5–М]. **Мухторов З.М., Ғафуров З.С.** Вижагиҳои маъноӣ ва луғавии сленгҳои компютерӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ [Матн] / З.М. Мухторов, З.С. Ғафуров // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2022. – №2 (46). – С.5-11. ISSN 2226-9355.

**Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашриёҳои дигари илмӣ:**

[6–М]. **Ғафуров, З.С.** Омӯзиш ва таҳқиқоти сленги бозиҳои компютерӣ дар забонҳои англисӣ, тоҷикӣ ва русӣ [Матн] / З.С. Ғафуров // «Филологияи Шарқ дар масири фарҳанг ва тамаддунҳо» (маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ. Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. – Душанбе, 2020. – С. 48-52.

[7–М]. **Ғафуров, З.С.** Сленги компютерӣ қабати нави лексика дар забоншиносӣ (дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ва русӣ) [Матн] / З.С. Ғафуров // “Преспективы изучения и преподования иностранных языков в современном мире” (Сбориник научных докладов межвузского круглого стола, посвященного 30– летию незовисимости Республики Таджикистан) Российского – Таджикский (Славянский ) университет. – Душанбе, 2021. – С. 54-59.

[8–М]. **Ғафуров, З.С.** Таҳаввулоти лексикаи компютерӣ ва таснифоти он дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ [Матн] / З.С. Ғафуров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Масъалаҳои муҳимми омӯзиши тадриси забонҳои хориҷӣ дар шароити инноватсионӣ

28.04.2021,”Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. – Душанбе – 2021. - С.83-88.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Тақризи доктори илми филология, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Ҷамшедов Парвонахон** мусбат буда, ба афтореферат баҳои хуб дода, эрод пешниҳод нашудааст.

2. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи мутолиоти аврупоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Наҷмиддинов Акбаршо Файзуллоевич** ба автореферати диссертатсия мусбӣ арзёбӣ гардида, эрод пешниҳод нашудааст.

3. Дар такризи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони русии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров **Элназаров Баҳодур Давронович** автореферати диссертатсия мусбат арзёбӣ гардида, барои беҳтар гардидани сифати кор чунин нуктаҳо пешниҳод гардидаанд:

А). Ба таври гуногун овардани ному насаби муҳаққиқон дар автореферат ба мушоҳида мерасад: “Т.Р. Мамадрасулова, М.М. Бекмуродов, С. Назарзода, Мирзо Ҳасани Султон, З. Мирзоев, А.И.Юсупов, Г.Г. Нуров...” (с. 6);

Б). Дар автореферат хатогиҳои услабӣ ба чашм мерасад: “Все практические исследовательские материалы позволяют нам легко понять любой компьютерный сленг в Интернете, чатах, блогах и не только.” (с. 58).

4. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ **Бобоева Мадина Маруфовна** мусбат буда, дар он эроди зерин манзур шудааст:

А). Бо вучуди ин, дар автореферат ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд. Новобаста аз ин, онҳоислоҳпазир буда, дар коркарди минбаъда пешниҳод карда мешаванд.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқои илмӣ:**

–моҳият ва мафҳуми сленги компютерӣ дар давраҳои рушди истилоҳоти технологияҳои иттилоотӣ муайян шудааст;

– сабабҳои пайдоиши сленгҳо дар доираи истилоҳоти компютерӣ ошкор карда шудааст;

– манбаъҳои луғавии сленги компютерӣ ва хусусиятҳои лексикографии он мушаххас гардидаанд;

– моҳияти сленгҳои компютерӣ дар раванди муошират ва ғановати забон коркард карда шудааст;

– таснифоти соҳавии сленги компютерӣ дар технологияҳои иттилоотии замони муосир равшан шудааст;

– сохтори истилоҳоти компютерӣ ва технологияи иттилоотӣ дар робита бо сленгҳои компютерӣ тавсиф гардидааст;

– вижагиҳои маъноӣ ва луғавии сленгҳои компютерӣ гурӯҳбандӣ ва тавсиф карда шудааст;

– ҷанбаҳои махсуси вижагиҳои маъноӣ ва сохтории сленгҳои компютерӣ ошкор гардидааст..

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат мебошад, ки диссертатсияи мазкур метавонад дар таҳқиқоти минбаъдаи муқоисавии истилоҳоти компютерӣ, алалхусус, сленгҳои соҳавӣ дар технологияҳои иттилоотии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, таҳқиқи минбаъдаи вижагиҳои типологии забонҳои мавриди таҳқиқ ва, ҳамчунин, дар рушди самтҳои ҷудогонаи таҳқиқ оид ба хусусиятҳои сленги компютерӣ дар системаи ҳар як забон мусоидат кунад. Натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли як қатор масъалаҳои забоншиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ, истилоҳшиносӣ, забоншиносии компютерӣ, махсусан, истилоҳоти компютер ва технологияҳои иттилоотӣ ва барои таҳқиқоти минбаъдаи сленгҳои гуногуни соҳавӣ ҳамчун заминаи илмию назариявӣ мавриди истифода қарор хоҳанд гирифт. Маълумоти назариявӣ, фарзия ва хулосаҳои илмӣ оид ба роҳу усулҳои таҳлили сохторӣ ва маъноии сленгҳои компютерӣ вобаста ба таснифоти вижагиҳои соҳавӣ метавонанд ҳамчун манбаи илмӣ барои пажуҳишҳои минбаъда кумак расонанд.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ осори илмию назарии муҳаққиқони барҷастаи ватанию хориҷӣ, аз қабили П. Ҷамшедов, З. Мухторов, С. Ҷаматов, С. Назарзода, Т. Шарипов, З.М. Мусоямов, П.Г. Нуров, Т.К. Ҷураев, Г. Довудов, Ҳ.А. Асламов, А.Б. Кутузов, И.В.

Любитская, Е.Е. Смирнов, П.А. Горшков, Ф.О. Смирнов, М.И. Мехеда, ЕА. Савелев, М.О. Семёнов, В.С. Вахитов, Е.В. Лушникова, З.М. Ефендиева, Н.С. Бондарева, А.А. Сосновская, М.В. Москалёва, Л.Ю. Королева, А.Х. Гатсолаева, А.В. Стахеева, Н.А. Кудинова, Э.С. Карпов, С.Г. Михейгина, Е.А. Свиридова, И.Е. Гутман, А.С. Рибакова, Е.Е. Тимофеева, Н.С. Иванова, М.А. Ярмашевич, Ф.Т. Грозданов, Е.Н. Гутс, О.В. Обухова, О.А. Кармизова, Д. Зауташвили ва П.В. Часовский ҳамчун асосҳои назариявӣ ва методологӣ истифода шуданд.

Дар диссертатсия аз методҳои таърихӣ-муқоисавӣ, оморӣ, таҳлили сохторӣ, равонтаҳлилӣ **истифода шудааст.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар **заминаи методҳои** муқоисавӣ-таърихӣ, дискриптивӣ, забоншиносии фарҳангӣ, таҳлили ҷузъии (компонентӣ)-и воҳидҳои луғавӣ ва ҷумлаҳо, таҳлили сохторӣ ва маъноӣ аз нигоҳи сифати тарҷума ба унвони методҳои асосӣ **анҷом дода шудааст**.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** мундариҷаи диссертатсияро дар таҷриба барои омӯзиши истилоҳот ва сленгҳои нави компютерие, ки дар зиндагии ҳамарӯзаи мо дучор мешаванд, инчунин, дар ҳалли мушкилоти тарҷумаи чунин сленгҳо ва аз рамз ба таври шарҳи маънӣ озод намудани сленгҳое, ки дар шакли ихтисорот метавон истифода намуд. Маводи назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкур дар раванди таълими ихтисосҳои филологӣ дар мактабҳои олӣ ҳангоми гузаронидани лексияҳо, семинарҳо ва курсҳои махсус ҳамчун дастури таълимӣ метавонад мавриди истифода қарор гирад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илми** аз он иборат мебошад, ки бори нахуст сленги компютерӣ бо таснифоти соҳавӣ ва сохторӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба таври нисбатан мукаммал аз ҷониби диссертант таҳқиқ шудааст. Тамоми сленгҳои компютерӣ ва вижагиҳои гуногуни соҳавӣ дар асоси луғатҳои дузабона ва тафсирӣ, аз ҷумла, фарҳангҳои этимологӣ, энсиклопедӣ, забоншиносӣ, фарҳангҳои истилоҳоти компютерӣ ва ба гунаи он мавриди муқоиса қарор гирифтаанд. Инчунин, довталаб мафҳум ва моҳияти сленги компютерӣ ва роҳҳои иқтибосшавии онро аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ бори нахуст ба доираи таҳқиқот ворид кардааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 17 сентябри соли 2022 дар бораи сазовор донистани Ғафуров Зоир Саъдуллоевич ба дараҷаи илмии номзади илми филология қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 11 нафар, аз ҷумла 3 нафар докторони илм ва 2 нафар номзадони илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ иштирок доштанд,

Дар овоздиҳӣ 11 нафар иштирок намуд. Аз 11 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои
диссертатсионӣ, профессор Турсунов Ф. М.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, дотсент Ҳасанова Ш. Р.
17.09.2022